**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна (Умрализода Таҳмина Мирзоалӣ) дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғаладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғаладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)” ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи тадқиқ.** Мубрамияти мавзуи тадқиқи диссертантро аҳамияти назариявию амалии омӯзиши хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва семантикӣ аз лиҳози таҳлили муқоисавӣ мебошад. Таҳлилу тадқиқи вожаву истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ дар илми забоншиносии муқоисавӣ яке аз масълаҳои мубрами лингвистика ва этнолингвистика ба шумор меравад.

Диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна фарогири яке аз масъалаҳои мубрами илми забонишиносӣ – низоми истилоҳотии соҳавии мушаххас мебошад. Зеро омӯзиши низоми истилоҳотии ҳар як соҳа барои илми забоншиносӣ аҳаммияти калони назарӣ ва амалӣ дорад.

Дар шароити имрӯзаи забоншиносии тоҷик омӯзиши истилоҳоти кишоварзӣ дар сатҳи луғатшиносӣ шуруъ шуда бошад ҳам, танҳо бо ин маҳдуд намегардад. Истилоҳоти кишоварзӣ тамоми қисматҳои илми забон (семантикӣ, сохторӣ)-ро фаро мегирад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Пажуҳиши паҳлуҳои истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои гуногунсохт дар забоншиносӣ зарур ва муҳим аст. Аз ҷумла, сохтор, маъно, навъҳо, баромад, истифодаи онҳо дар фаъолияти соҳавӣ, нутқи шифоҳӣ, қабатҳои услубӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо. Зеро таҳқиқи масъалаҳои сохториву маъноии истилоҳоти кишоварзӣ ба ҳалли масоили кулли низоми соҳа мусоидат менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бештари масъалаҳои мавриди пажуҳиш дар забоншиносии тоҷик, дар муқоиса бо забони англисӣ бори нахуст баррасӣ мешаванд. Масъалаҳои ба нақша воридшуда дар забоншиносии тоҷик дар шакли диссертатсияи ҷудогона бори

нахуст мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, масъалаи омӯзиши умумии истилоҳоти кишоварзиро дар ду забони муқоисшаванда дар бар мегирад.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз инҳо иборат аст:

- таснифи сохториву маъноии истилоҳоти кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- таҷзияи сохторӣ-маъноии луғоти кишоварзӣ ва истифодаи онҳо дар қолабҳои умумии кишоварзӣ;
- таснифоти нави қисмати сохторӣ ва семантикии луготи кишоварзӣ. Дар натиҷаи чунин гурӯҳбандӣ калимаву истилоҳоти кишоварзӣ ба гунаи пурра мувофиқаткунанда дар ҳарду забон, истилоҳоти кишоварзии аз рӯйи таркиби луғавӣ ва ғрамматикӣ қисман тафовутдошта ва истилоҳоти кишоварзии аз нигоҳи таркиби луғавӣ номувофиқ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тақсим карда шудаанд;
- муқарар сохтани қолабҳои калимасозии луғоти кишоварзӣ ба воситаи пешванду пасвандҳо;
- роҳу қолабҳои калимасозии мураккаб дар соҳаи кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва анғлисӣ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Тавсия ва хулосаҳо, инчунин истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот аз тарафи диссертант илман асоснок карда шудаанд ва метавонанд дар самтҳои тадқиқи лексема, этнолингвистика, мардумшиносӣ, луғатшиносӣ, инчунин таҳияи фарҳангҳои тахассусии забонҳи муқоисашаванда, таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гиранд. Кори диссертатсионӣ ва натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотии он метавонад дар самтҳои таҳқиқи лексема, этнолингвистика, мардумшиносӣ (этнография), луғатшиносӣ, таҳияи фарҳангҳои тахассусии забонҳои муқоисашаванда, таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ истифода шавад.

Дар дарсҳои типологияи муқоисавӣ, асосҳои назариявӣ, амалӣ ва натиҷагириҳоро дар ҳалли масъалаҳои забоншиносӣ, роҷеъ ба омӯзиши луғоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла зироатҳои ғалладона, навъҳои онҳо, олотҳои меҳнати марбут ба ин соҳа, суннатҳои маросимии кишоварзон ва амсоли инҳоро дар забонҳои муқоисашаванда истифода бурдан мумкин аст.

Дастовардҳои илмӣ ва методии пажуҳиш дар ҳали баъзе масъалаҳои назариявии луғатнигорӣ ва луғатнависии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат менамояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои пешниҳодшуда диссертатсия аз муқадима ду боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои пажуҳиш, рӯйхати адабиёти

истифодашуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда мазмуни таҳқиқ дар ҳаҷми 183 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод мешавад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, бунёди назарӣ ва методи таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баррасӣ мегарданд, ки ба талаботи ҳамин гуна корҳо пурра ҷавобгӯ аст.

**Боби якуми диссертатсия** «Истилоҳоти марбути зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, аз шаш фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби мазкур “Вожаҳои кишоварз ва муодилҳои он дар забони тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, дар он таҳлили муқоисавӣ, хусуиятҳои фарҳангӣ ва бунёди баъзе аз истилоҳоти кишоварзӣ баррасӣ шудааст.

Диссертант дар ин фасли кораш гурӯҳҳои хӯшадор ва ғилофакдори маҳсулоти ғалладанагиро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд намудааст, ки ин намуди маҳсулот бо баъзе аз вижагиҳо аз ҳамдигар фаркунанда мебошанд. Муҳақиқ дар ин боб дарҷ намудааст, ки зироатҳои хӯшадор ба оилаи растаниҳои якпалла дохил шуда, давомнокии умрашон аз як то ба се сол мерасад. Инчунин муллифи рисола муайян намудааст, ки хӯшадорҳо яке аз оилаҳои калонтарини пӯшидатухмҳо ба ҳисоб рафта, беш аз 700 ҷинс доранд, ки дар Тоҷикистон 90 ҷинс ва беш аз 300 навъи хӯшадорҳо мерӯяд. Дар баробари ин, диссертант дар ин боб решаи истилоҳи хӯша ва дигар истилоҳоти кишоварзиро дар ҳарду забон мавриди омӯзиш қарор додааст.

Фасли сеюми боби аввал “Вожаҳои марбут ба мафҳуми дарза, ғарами алаф, тӯдаи алафу зироатҳои ғалладона дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, муҳақиқ дар ин фасл роҳҳо ва воситаҳои бунёди истилоҳот, хусусиятҳои асосии истилоҳотро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Инҷо диссертант дар хусуси истилоҳ, ба монанди дигар калимаҳои муқаррарӣ дар пойгоҳи калима ва решаҳои мавҷудаи умумиадабӣ ва луғатҳои махсус сохташударо таҳқиқ намудааст. Аз диди диссертант бармеояд, ки роҳу воситаҳои калимасозӣ дар забони илм ва дар забони адабӣ бо баъзе хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Муаллиф нигоштааст: «Мардум аз замони хеле қадим ба соҳаи кишоварзӣ, махсусан ҷамъоварии навъҳои гуногуни алаф, зироатҳои ғалладона шуғл дошатнд, ин раванд барои ба вуҷуд омадани калимаҳои зиёде мусоидат намудааст ва ҷамъоварии маводи марбут ба вожаву истилиҳоти ба ин соҳа алоқаманд, таҳлилу таҳқиқ ва дастабандии онҳо яке аз масъалҳои муҳим ба ҳисоб меравад» (с. 91). Соҳаҳои нави кишоварзӣ пайдо шудаанд, ки хазинаи истилоҳотии кишоварзиро бо истилоҳоти нав пурра менамоянд, ки ба

ин омилҳои семантикӣ, калимасозӣ ва шаклӣ-сохторӣ мусоидат мекунанд, таҳқиқ шудааст.

**Боби дуюми рисола** “Хусусиятҳои сохторию маъноии истилоҳоти кишоварзӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Масъалаи нақши вожаҳои олоти меҳнат ва корбурди онҳо дар соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таҳлили феълҳои марбути соҳаи кишоварзӣ ва таҳқиқи вожаҳои маросимиву сунатии кишоварзиро дар ду забони муқоисашаванда дар ин боб мавриди омӯзиш қарор додааст.

Маълум аст, ки  маҷоз дар асоси аксарияти равандҳои семантикӣ – рушди  воситаҳои синонимӣ, пайдоиши маъноҳои нав, бунёди полисемия, рушди истилоҳот ва луғатҳои эҳсосӣ ҷой дорад. Муҳаққиқ ба сифати нишон додани алоқаҳои маҷозӣ байни маъноҳои калимаи сермаъно чунин мисол овардааст: “fork – чангча, чангак, панҷшоха; hook – чангак, шаст; ва ғ.”, ки хусусиятҳои гуногуни семантикиро дар бар мегиранд.

Масъалаи истилоҳот ба ақидаи унвонҷӯ аз тарафи як қатор муаллифони тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтааст С. Назарзода “Истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи он ҳарчи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари ҷомеа, баён кардани маънои мафҳумҳои нав аст”, дар воқеият байни калимаҳо ҳамеша маъноҳои  услубӣ ҷой дорад.

Дар ин боб муаллиф кушиш ба харҷ дода, масъалаҳои назариявӣ ва таҳлили семантикии истилоҳоти соҳаи кишоварзиро дар пеши худ гузошта, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Фасли аввали боби мазкур “Нақши вожаҳои олоти меҳнат ва раванди корбурди онҳо дар соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои муқоисашаванда” ном дошта дар ин бахш номи ҳашт олоти меҳнат дар муқоиса бо забони англисӣ маврид баррасӣ қарор гирифтааст.

Унвони фасли дуюми ин боб “Истилоҳҳои мансуб ба юғу испор ва номи қисматҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад”. Дар ин банди диссертатсия ҳаждаҳ вожа бо муродифҳояшон, ки марбут олотҳои меҳнат ва ҷузъҳои онҳо мебошанд, дар муқоиса бо забони англисӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия «Таҳлили феълҳои марбути соҳаи кишоварзӣ» ном дошта, муаллиф оид ба алоқамандии феълҳо дар соҳаи кишоварзӣ, таърихи ташакулли феълҳо, сарчашмаҳои илмӣ, бадеӣ ва маънои таърихии он ибрози андеша намудааст.

Муаллиф дар ин фасл нигоштааст, ки “Дар забони тоҷикӣ ва англисӣ мисли забонҳои дигари олам феълҳои сода ва таркибии номие мавҷуд аст, ки

ба амалу ҳолатҳои кишоварзӣ робита доранд, масалан, to mow-даравидан; to thresh, crush-кӯфтан, кӯбидан: ва ғ.” Аз далелҳо ва таҳлилҳои овардашудаи муҳаққиқ, метавон қайд намуд, ки дар забони тоҷикӣ ва забони англисӣ дар асоси сохтори морфологӣ калимаҳо аз як морфемаи решагӣ, аз реша ва морфемаи калимасоз иборат мебошад.

Дар умум, таҳлили истилоҳоти кишоварзӣ нишон доданд, ки дар аксарияти ҳолатҳо истилоҳоти марбути зироатҳои ғалладона, хусусиятҳои сохторию маънои истилооти кишоварзӣ, олоти меҳнати дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда, инчунин лексемаи мухталифи кишварзӣ дар забони тоҷикӣ ифодаи аниқи худро дошта бошанд ҳам баъзе аз ин истилоҳот маҳз хоси забони тоҷикӣ ва таърихи қадимаи он буда, дар забони англисӣ муодили худро надоранд. Аз ин сабаб ҳангоми ба забони англисӣ тарҷума кардани баъзе аз истилоҳоти кишоварзӣ маънои он ба забони англисӣ шарҳ дода мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масъалаҳои истилоҳ ҳамчун воҳиди илмии луғавӣ дар доираи донишҳои илмии забоншиносии муосир, ки хулосаҳои он пойгоҳи муайяни назариявиро дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои мухталифи ташаккули истилоҳот, дар таҳлили дигар низомҳои истилоҳотӣ ва дар маводи дигар забонҳо мусоидат мекунад.

Маводи диссертатсияро дар таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ, гузаронидани курсу семинарҳои махсус дар соҳаи забоншиносӣ ва кишоврзӣ метавон истифода кард.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати чандинсолаи муҳаққиқ маҳсуб ёфта, мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва зиёда аз 5 мақолаи диғар дар дигар нашрияҳо пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ба таҳқиқоти илмии забоншиносии муосир такя карда, дар он аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ - таҳлил, муқоиса, методи муқоисавӣ, ҳамгироии методҳои низомӣ, семантикӣ, таҷассуми лингвистикӣ, методи намунаи доимӣ, миқдорӣ, мундариҷавӣ, таҳлили таснифоти луғавӣ истифода карда шудааст.

Қисмати ҷамъбастии кор хулосаҳои муаллифро дар бар мегирад. Муаллифи диссертатсия ҳангоми муқоисаи истилоҳоти кашоварзии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ба хулосе меояд, ки баъзе аз истилоҳоти марбути ин соҳа бо пешрафти илму техника , коркарди замин, иқтисодиёт ба таъсири забонҳои дигар дучор гашта, як андоза таҳаввули худро ёфтаанд. Калимаву истилоҳоти соҳаи кишоварзии мавриди тадқиқи диссертант қарорёфта

хусусиятҳои миллии худро доранд ва ҳангоми тарҷума ба забони англисӣ шарҳу тавзеҳоти иловагиро талаб мекунанд. Феҳрасти адабиёт номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва манбаъҳоеро дар бар мегирад, ки дар диссертатсия аз онҳо истифода гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудию норасоиҳо ба назар расид, ки ислоҳи онҳо аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия "Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ" хеле кам ба назар мерасад. Хуб мешуд, ки муаллифи диссертатсия ба масъалаи мазкур диққати ҷиддитаре медод.
2. Дар муқаддима муҳаққиқ оид ба андешаҳои илмии муҳаққиқони гуногун ибрози андеша намуда, аммо дар мавриди баррасии масъалаи асосӣ дар боб ва фаслҳои минбаъда ба манбаъҳои илмӣ камтар мутаваҷҷеҳ шудааст.
3. Бисёр хуб мешуд, агар таҳлили мисолҳои ҷолиб аз муҳаққиқони англис бештар дар асоси назарияи илмии мавзуъ баррасӣ мегардид.
4. Саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия ва автореферат таҳрирталабанд.
5. Хулосаи ҷамъбастии ҳар як боби таҳқиқот хеле кам мебошад.
6. Дар саҳифаи 157 диссертатсия баъди хулосаи боби дуюм даррав хулоса оварда мешавад. Хуб мешуд, ки онро аз саҳифаи нав оғоз мекарданд.
7. Муаллиф дар шарҳи баъзе истилоҳҳои кишоварзӣ бо овардани таҳлили маъноию луғавӣ маҳдуд шуда, ҷихати сохтории онҳоро шарҳ надодааст.
8. Номи рисолаи номзадӣ "Таҳлили муқосавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" мебошад. Ба фикри мо, истилоҳи "таҳлили муқоисавӣ" –ро нисбатан мушаххастар кардан лозим аст ва агар рисола "Таҳлили муқоисавии сохторӣ-маъноии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" номгузорӣ карда мешуд, ба мақсади кор мувофиқ мебуд.
9. Дар сохтани баъзе вожаву истилоҳот муаллиф баъзан ба роҳҳои сохташавии калимаҳо ва решаҳои беасос таркиббандӣ кардааст. Масалан, вожаи "коштгар" шояд сохтаи худи муаллиф бошад ва дар забони адабии муосир калимаи "киштгар" дучор мегардад
10. Дар саҳифаҳои алоҳидаи рисола ва фишурдаи он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ба назар мерасанд [с. 17,19,20,27,53,65, 86 ва фишурда берун 18, 19 ,26 .........].

Камбудию норасоиҳои мазкур ислоҳшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Кори Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна

таҳқиқоти пурра ва комилан ба анҷомрасида буда, дар забоншиносии тоҷик ва алалхусус соҳаи кишоварзии тоҷик саҳми муҳимми илмӣ дорад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии истиҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори
кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии
тиббии Хатлон Асоев Ҷомӣ Хайруллоевич

16.04.2025

**Суроға:** 735320 н. Данғара, кӯчаи Исмат Шариф, 3
бинои 2/б, хонаи 31
Телефон: 987-60-80-02;
Email: jomiasoev1986@gmail.com

Имзои Асоев Ҷ.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДТХ Асфзода Саидмуҳаммад Парвиз

**Суроға:** 735320 н. Данғара, кӯчаи Исмат Шариф, 3
Тел.: (8 33 12) 2 10 74
Email: id@khatmedun.tj

16.04.2025